**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2015**

УДК: 891.550 (09)+1 афғон

**ВАҲОБОВА Н.**[1]

# ОБРАЗИ ОЙДИН ДАР ПОВЕСТИ «САПЕДАНДОМ»-И АСАДУЛЛО ҲАБИБ

Асадулло Ҳабиб (тав.1942) - яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти даризабони Афғонистон мебошад. Ӯро дар ватани хеш ва мамолики хориҷӣ ҳамчун шоир, нависанда ва олими варзида мешиносанд. Вай дар асарҳои мансури худ ба муҳимтарин масоили иҷтимоию сиёсӣ дахолат намуда, барои ҳимояи мардуми заҳматкаш талошҳо менамояд. Повести «Сапедандом» аввалин асари калонҳаҷми адиб мебошад. Дар мақола кӯшиш рафтааст, то дар мисоли образи марказии повест- Ойдин нависандаи реалист будани Асадулло Ҳабиб нишон дода шавад.

**Калидвожаҳо:** Асадулло Ҳабиб, Афғонистон, даризабон, Ойдин, образ, сапедандом, деҳа, Наим,бадқисмат, беадллатӣ, реализм, марг, табиат.

Повести Асадулло Ҳабиб «Сапедандом» яке аз асарҳои ҷолиби диққат дар адабиёти муосири даризабони Афғонистон мебошад. Роҷеъ ба ин повеет тарҷумон ва адабиётшиноси рус Киселёва Л.Н. чунин навиштааст: «Дар повести «Ойдин» (ин асар ба забони русӣ бо ҳамин ном тарҷума шудааст. -В.Н.) мо шоҳиди он мешавем, ки чи тавр як шахси ситамдида муқобили ситамгарон фаъолона мубориза мебарад. «Ойдин», дар айни ҳол ягона асари калонҳаҷми Асадулло Ҳабиб мебошад. Аз дигар ҳикояҳои ба мавзӯи деҳқонон бахшидаи адиб дида, ин ҷо манзараи васеи зиндагии деҳот дода шудааст. Ҳамаи намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ акси худро дар ин асар ёфтаанд. Муаллиф беҳуқуқии мардуми бебизоат, бедодгароии заминдорон, кори тоқатфарсои деҳқонҳо дар шароити нимфеодалии вобастагӣ, зиндагии таҳқиромези занҳоро нишон додааст» [3.-10].

Адабиётшинос Худойназар Асозода нигоҳе ба повести «Сапедандом» карда, чунин арзи андеша кардааст: «Навиштани ин повестро адиб чанд сол дар фикраш нигоҳ медошт. Қаҳрамони асари ӯ туркмандухтар Ойдин мебошад. Ин образи умумии мардуми беҳуқуқи деҳа мебошад. Такдири ин гуна занҳоро на падару модар, балки бою арбобу феодалҳои калон ҳал мекунанд. Лекин миёни деҳқонон боз одамоне ёфт мешаванд, ки муқобиди беадолатӣ мубориза мебаранд ва дигар ягон роҳе наёфта қасди ҷони золимон мекунанд. Ба андешаи адиб аз деҳқони он вақт бедоршуда аз ин бештар талаб кардан маъно надорад» [2.-126]. Образи марказии повести «Сапедандом» ин духтари ҷавон Ойдин мебошад. Маълум аст, ки агар номи шахси ҷудогона хамчун номи асари бадеӣ бошад, он гоҳ бештар андешаронию масъалагузорӣ дар атрофи соҳиби ҳамин ном сурат мегирад ва ба воситаи амалу кирдору суханронӣ ва муносибати ҳамин қаҳрамон бо дигар образҳо, ҳадафи муаллиф равшан мегардад. Яъне як воситаи хуби баёни ақидаи муайяне мебошад. Чунин асарҳо, ки номи образи марказиро гирифтаанд, дар адабиёти ҷаҳонӣ кам нестанд. Барои мисол метавонем чунин асарҳоро, ба мисли «Одина»-и С. Айнӣ (1878-1954), «Нирмола»-и Премчанд, «Анна Каренина»-и Л.Н. Толстой (1828-1910), «Рудин» ва «Ася»-и И.С. Тургенев (1818-1883), «Обломов»-и И. А. Гончаров (1812-1891), «Гобсек»-и Оноре де Балзак (1799-1850) ва гайраро номбар кунем. Бисёр адибони чунин асарҳо офарида ба зиндагӣ, кор,

[1] **Адрес для корреспонденции**: Ваҳобова Назира - ст. науч. сотр., Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки-33.тел: 901114700

фаъолият, хислат, ахлоқ - хулоса ҳар он чи ба инсон ва мақоми ӯ дар оила ва ҷомеа дахл дорад, бо диққат нигариста, вобаста ба он ки як образи дақиқро чи гуна офариданианд, амал кардаанд. Асадулло Ҳабиб ҳам, бешак, даҳҳо чунин Ойдинҳоро дар зиндагӣ бо чашмони худ дидааст ва аз ҳар кадоми онҳо барои сохтани як образи мукаммал чизе, ки зарур аст, онро гирифтааст. Ва ҳамаи инро тавре додааст, ки сохтаю бофта будани образ ба ёд хам намеояд. Образи Ойдин ниҳоят зинда, табиӣ ва боварибахш ба назар мерасад. Образи як духтари бадбахтест, ки ҳанӯз аз ҷавонии худ баҳрае нагирифта, аз зиндагӣ дилсард ва ҳатто безор аст ва ниҳоят аз разилии як нафаре ҷони ҷавони худро аз даст додааст, акси воқеӣ ёфтааст. Зиндагии мардуми Афғонистон бо ҳама торикию равшаниаш, бо ҳама баландию пастиаш ва печу тобаш ба Асадулло Ҳабиб маълум аст. Мутолиаи асарҳои адибони шинохтаи хориҷӣ аз ҷумла, Содиқ Ҳидоят, Содиқ Чӯбек, Ҷек Лондон, Ги де Мопассан, Гогол, Толстой ва алалхусус Максим Горкий ба адиб дарсҳои дигари зиндагӣ буданд. Ҳангоми мутолиаи асарҳои Асадулло Ҳабиб ба осонӣ равшан мешавад, ки ӯ чӣ ҳосиле аз мутолиа ва ошноӣ аз адабиёту аз мактаби адабии адибони маъруфи Ғарбу Шарқ бардоштааст. Ногуфта намонад, ки Асадулдло Ҳабиб чун рисолаи номзадӣ бахшида ба Бедил навиштанӣ мешавад, корро аз омӯзиши асарҳои илмии Садриддин Айнӣ оғоз менамояд. Дар ин хусус ӯ мегӯяд: «Вақте ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ болои рисолаи номзадии (баробари доктории Аврупо аст) худ кор мекардам, аввал корро шуруъ кардам аз худи ҷумҳуриятҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва дақиқтар аз Тоҷикистон шуруъ кардам. Ошно шудам бо корҳои Садриддин Айнӣ. Устод Айнӣ кори хеле бузурге дар робита бо Бедил карда» [4.-71].

Асадулло Ҳабиб на танҳо ба осори илмии устод Айнӣ, балки ба асарҳои бадеии ӯ низ шинос аст. Ҳамин тариқ, эҷод шудани повести «Сапедандом» -ро, то андозае идома додани мактаби адабии Максим Горкий ва Садриддин Айнӣ барин адибони реалист гӯем ҳам мешавад. Бо ҳамон услубе, ки ба Асадулло Ҳабиб хос аст, повеет бо тасвири табиат, он муҳите, ки образи марказӣ - Ойдинро иҳота намудааст, оғоз ёфтааст: «Он гармии шадиде, ки чанд рӯз боз хукумфармо буд кам шуда буд. Гармсели буғикунанда якбора нест шуд ва акнун гармии офтоб замин ва сабзаю растаниҳоро намесӯзонд. Насиме мевазид, ки базӯр ҳис карда мешуд. Аз дарахтони баланди садсолаи тут, ки қатор дар канори деҳа қад кашида буданд, як барги зард ҷудо шуда давр хӯрда - давр хӯрда болои замини мулоими мисли махмал, болои чанги сарди рӯи заминро фарогирифта афтид». Дар ҳамин ҳолат пеши назари мо симои Ойдин намоён мешавад. Лекин ҳанӯз тасвири чеҳраи ӯ ба он андозае, ки хонанда интизор аст, намудор нест, ҳарчанд, ки «Чашмони Ойдин чун ду кӯли ба шӯр омада ҷило доданд» гуфта шудааст. Ва баъдан ҳам ҳанӯз чигунагии қадду қомат ва чеҳраи ӯ ноаён аст, фақат эҳсоси ӯ баён мешаваду бас. Лекин ҳамин кофист, ки мо аввалин хулосаи худро нисбат ба ин образ барорем. Образи марказии асар ҷавондухтарест, ки дар худи ҳозир хушҳол, серғайрат ва ҳаракаташ чобукона. Бисёр адибони мамолики Шарқ, алалхусус адибони он мамлакатҳое, ки дар онҳо занҳо гирифтори беадолатиҳо, таҳқир ва зулму бераҳмиянд, дар ҷомеа қариб ҳеҷ гуна ҳаққу ҳуқуқ надоранд ва талхии зиндагиашон аз шириниҳояш даҳчанд зиёд аст, занҳоро дар оғози асари худ зиндадил, некбин, табъашон хуш, орзуҳо - ширин, олами атрофашон чун чамани гул ороста ва осмони болои сарашонро мусаффо нишон медиҳанд. Чун асар оҳиста-оҳиста поён меёбад аз зебоию хушҳолию ҳаётдӯстдории он занҳо нишонае ҳам намемонад ва ҷои ҳамаи хушиҳоро ғаму андуҳ, дилсардӣ аз зиндагӣ, ашкрезӣ ноумедӣ ва ба тақдир тан дода хомӯш зистан мегирад. Ойдини Асадулло Ҳабиб низ, тавре дар боло ишора шуд, дар оғоз шоду беташвиш аст. Вай ҳоло, ки дар назди падару модараш зиндагӣ мекунад, гарчанде ба пуррагӣ набошад ҳам, фориғбол аст. Ҳанӯз на аз гузашта шикоят дораду на ояндаро сахт торику пурташвиш мебинад: «Як эҳсоси номаълуме ӯро фаро гирифт. Садои тапидани дил баланд шуд, рухсораҳо гулгун шуданд. Гӯё ким-чиро ба ёд оварда бошад, ҳис кард, ки дигар дар ҷояш истода наметавонад ва бояд зуд ба ягон тарафе биштобад. Ин гуна ҳолат бо ӯ чанд дафъа, вақте ки танҳо мемонд, рӯй дода буд. Вуҷудаш гармиро эҳсос мекард. Тамоми узвҳои баданро азияти форамe фаро

мегирифт, қалбаш хушҳолу безобита ба таппиш медаромад».

Каме дертар чеҳраи Ойдинро мукаммалтар мебинем: «Агар ҳақиқат туфта шавад, Ойдин аз зани Рашид беҳтар буд. Хушандом ва баандоза ғафсак, пӯсти бадан нуқрафом, чашмони калон-калони кабуд ва чеҳраи чун доира гирд. Ӯ дар деҳа ҳамчун зебосанам мақом дошт. Дар тарзи гуфтор ва садо як зебоии тасвирнашаванда буд. Бо ӯ суҳбат кардан роҳат мебахшид. Рашид ӯро дида, худро гум карда буд ва на ёди зан мекарду на ёди бачаҳояш». Адиб на дар аввал балки дертар аз кӯдакӣ ва наврасии Ойдин ёдовар мешавад. Ин ба пурратар аён шудани боз як паҳлӯи образ мусоидат мекунад: «Ойдин акнун он духтарчаи харобаки шармида табассум мекардагӣ набуд. Дар чеҳраю муомилаи ӯ худдорӣ кардан ва оромона шаҳомат нишон додан ҳувайдо буд. Пероҳан фақат ранги бадани ӯро пӯшонида метавонист, на шакли ӯро, ки бо як назар хушқомативу хушандомиаш намудор буд». Барои Асадулло Ҳабиб бисёр муҳим аст, ки дар алоқамандӣ бо образи марказӣ боз ба масъалаҳои оила, муносибати модару духтар,  падару духтар, инчунин андеша ва нигоҳи атрофиён низ баён гардад. Ва ин эътибор додан барои пур кардани ягон холигие нест, балки як навъи бақувваттар кардани образ мебошад, ки ягон масъалаи дигари тоза ба миён омада дуюмдарача ва ё камаҳамият нанамояд. Ҳар масъалаи навро адиб бо образи марказӣ чунон моҳирона алоқаманд мекунад, ки дарвоқеъ зиёду беҷо буданаш ҳеҷ намудор нест. Мо ин ҷо образи падару модари Ойдинро диданӣ нестем. Ин ҷо муҳим он аст, ки чигунагии муносибати волидайн бо фарзанди худашон муайян шавад. Онҳо қариб ҳар рӯз сарзанишу ҷазоҳоро ҳаққу ноҳақ нисбат ба Ойдин раво мебинанд Ҳуқуқи бе иҷозат ҳатто рози дил гуфтан барои ин духтар манъ аст.

Асадулло Ҳабиб зиндагии мардуми оддиро хуб медонад. Зиндагии мардуми доро низ, бо он ҳашамате, ки барои онҳо хос аст, ба ӯ бо тамоми дузъиёташ ошност. Адиб инро ҳам дар мавридҳои мувофиқ дар ҳамон шакле, ки дидаасту шунидааст ва дар воқей буданаш шак надорад, ба қалам медиҳад. Вале вай бештар ба масъалаҳое дахолат карданӣ аст, ки аслан ба мардуми оддии камбизоат алоқаманданд ва аз ҳалли онҳо ба ҷамъият манфиате ҳаст. Бо ҳамин восита бо мардуми оддӣ дӯсту хайрхоҳ буданашро фаҳмонданӣ мешавад. Ин гуна амал хонандаро ба ҷое мебарад, ки зиндагии дорою нодор ва дар ҳамин замина боҳуқуқу беҳуқуқии табақаҳои гуногуни ҷамъият равшантар дида мешавад.

Қобили зикр боз ин аст, ки Асадулло Ҳабиб ҳар дафъа, ки симои қаҳрамони худро доданӣ шавад, албатта, онро бо ҳолати ҳамон лаҳзаинаи ӯ медиҳад. Дар чунин вазъ пурратар шудани образ аз чанд паҳлӯ дида мешавад. Ойдин мебинад, ки дар хона бо тақдири ӯ бозӣ мекунанд, ӯро ба манбае табдил доданианд, ки манфиате ораду аз даст наравад. Барои инсон аз модару падар дида наздиктар касе нест. Барои Ойдин волидайн наздиканд, вале ин наздикӣ бо он маҳдуд мешавад, ки онҳо дар як хона зиндагӣ мекунанд. Ойдин духтари қонунии падару модари худ аст. Аммо меҳри ҳақиқие, ки волидайн бо фарзанд ва фарзанд ба волидайн дошта бошад, нест. Байни андешаи он, ки оянда тақдири ин духтар чӣ мешуда бошад ва ҳолати имрӯзаи духтар, ки вай чун бозичае ҳаст ва барои ким-кадом ниятҳо истифода шуда истодааст, фарқест хеле калон. Адиб илова мекунад: «Бори аввал зиндагӣ ба назари ӯ мисли тобути тирае намуд. Раваду дар воқеъ, тақдир чунин бошад, ки то мурдан ҳамин тобути вазнинро, ки номаш зиндагӣ аст, ӯ ҳамроҳи Наим гирифта барад. Охир дар дунё боз одамоне низ ҳастанд, ки барояшон зиндагӣ чизи дигараст, яъне боғи зебои гулҳо, хоби ширин, ё ягон чизе, ки душвор аст ном мондан. Ба ҳар ҳол чизест, ки шодию ҳаловат мебахшад».

Вақеаҳои дар повести «Сапедандом» дарҷшуда, дар деҳа ба амал омадаанд. Манзараи деҳа на як бору ду бор, балки якчанд маротиба тасвир меёбад ва бештар ягон вақти муайяни шабонарӯзӣ, зиёдтар соатҳое, ки офтоб намоён аст, пеши назар меоянд. Бо ин васила дурусттар шинос шудан бо гармии тоқатфарсо, муҳити зисти қаҳрамонҳо ва таъсири ин муҳит ба одамон имконпазир мегардад. Ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки табъи болида ё табъи хира доштан ва ё комилан фориғбол будани образҳо бо торикию равшанӣ, гармию сардӣ ва хирагию пурҷилоии табиати тасвиршаванда, албатта, ягон алоқамандие дорад:

«Рухсораҳои Ойдин нохост якбора ба ларзиш даромаданд. Ин ларзиш ба гулӯ фишор оварда нафасгириро душвор намуд. Аз чашмони духтар қатраҳои ашк мисли марворид ҷорӣ шуданд. Духтарак ба монанди шахсе, ки ҳукми қатл гирифтаасту барои қатл кардан мебаранд, ноумедона ба пеш қадам монд. Чашмони кабудаш аз паси пардаи болошонро гирифта як ҷилое додану бас. Вай сарашро хам карда, якбора бо ду дасташ гиребони куртаашро гирифт. Нолаи ҷонгудозе аз синаи духтар берун шуд:

- Э, вой! Ман дигар наметавонам! Беҳтараш мурам! Мурам!».

Асадулло Ҳабиб лаҳзае фаромӯш намекунад, ки ӯ худ чи туна нависанда аст ва ҳадафи асосӣ аз асарофариаш дар чист. Чун роҳи реалистона тасвир намудани зиндагиро пеш гирифтааст, набояд дар навиштаҳояш чизеро ҷой диҳад, ки ба ном асари бадеӣ бошаду пур аз он чизе, ки муболита асту ба афсона наздик. Хаёли онро низ надорад, ки хилофи воқеияти зиндагӣ амал кунад. Ин усули хоси ӯст. Баробари ин тасвири орзую ҳавас, хушӣ, ғаму андуҳ, азобу шиканҷа, ҳолати рӯҳӣ, тасвири зебоии зоҳирию ботинии инсон, зебоии табиат, беадолатӣ, бадқисматӣ ва ғайра дар навиштаҳои ӯ бисёр табиӣ мебароянд ва ҷолиб ин аст, ки ҳар як порчаи повести «Сапедандом», инчунин ёдовар мешавем, ки ҳамаи дигар асарҳои нависанда низ, ҳатто ҳангоми бурида гирифтан аз матни асосӣ хушку холӣ ва бемазмуну беаҳамият наменамоянд. Аз ҳамин нуқтаи назар чакидаҳои қалами Асадулло Ҳабиб бе таъкиди иловагӣ, бе овардани нуқтаи назари мусбати муҳаққиқе ё сухансанҷи маъруфе худ ба қалби инсони хислати бепарвоёна зистан надошта, роҳ мeёбад.

Рашид ном ҷавоне фурсат ёфта бо Ойдин суҳбат мекунад. Суҳбат ниҳоят кӯтоҳ аст. Пас аз суҳбат бо Рашид модар Ойдинро сахт маломат мекунад. Акнун Ойдин доле дорад, ки аз зистан дида мурдан беҳтар аст. Духтарак зиндагиро надида, аллакай аз он сер шудааст. Ин ҷо боз як хислати образ маълум мешавад:

«Ногаҳон Ойдинро ларза фаро гирифт, нафасгир шуд, аз чашмонаш чун донаҳои марворид ашк ҷорӣ шуд. Чеҳрааш шахси ба қатл ҳукмшударо мемонд. Вай ноумедона ба пеш қадам ниҳод. Чашмони кабудаш аз пушти пардаи ашк ҷило медоданд. Духтар сарашро ба поён хам карда бо ду даст аз гиребони худ гирифт. Аз синаи ӯ садои ҷонгудозе берун шуд:

- Ё Худоё! Ман дигар наметавонам! Мурдан беҳтар аст! Мурдан!».

Мисле ки мебинем, Ойдин мурданро орзу карда аз зиндагие, ки дорад, халос шудан мехоҳад. Адиб ин гуна ҳолатеро бояд дар поёни асар, яъне ҳангоми хотима гирифтани воқеа, медод. Маъмулан, дар асарҳое, ки сухан ба баёни фоҷиа наздик мешавад, зуд анҷоми асар низ пеш меояд. Асадулло Ҳабиб ҳоло қиссаи худро то ба нисф нарасонида барои ба поён расонидани фаъолияти қаҳрамони худ омодагӣ мегирад. Баъдтар ошкор мешавад, ки барои чи адиб ба қаҳрамони худ дар нисфи воқеа чунин амалро раво дидааст. Мо боз як бори дигар шоҳиди он мешавем, ки олами дилу андеша, ният ва амали мардуми гумроҳ, дар айни ҳол духтари кам дидаю дақиқтараш чизе надидаю кам шунида чи гуна аст. Вақте ки модар зор-зор гиристани духарашро дида аз ҷаҳлаш мефарояду духтарашро бо навозиш ба оғӯш мегирад, Ойдин низ аз нияти кардааш пушаймон мешавад. Лекин ин пушаймонӣ боз ҳам дар ҳамон чорчӯбаи тарбияи гирифтааш ва он одату анъанаҳое, ки аз насл ба насл гузаштааст ҷой гирифтааст ва албатта, дар муҳити деҳа, ҳамон гуна деҳае, ки аз бисёр пешравиҳои замон бехабар рӯз мебарад. Дар иқтибоси поёнӣ мо боз ҳамон Ойдини аз зиндагӣ навакак безор буда ва ҷӯяндаи маргро дар дигар ҳолат мебинем, ки ин аз талоши маргҷустан дида табиитар менамояд:

«Ойдин гап зада наметавонист. Ларзиши бадан ба ӯ фишор меовард. Вай бо алам гиря мекарду гиря мекард. Лекин ногаҳон ӯро мавҷи шарму хиҷолат ва пушаймонӣ фаро гирифт. Ашкрезӣ якбора қатъ шуд. Чи гуна гуноҳи азим ва нобахшидание ӯ содир кард, ки қаҳру ғазаби модару падар ва албатта, Худовандро овард! Э, вой ин чи қадар гуноҳи азим аст! Охир вай набояд дар ҳузури модар ҳаққу ҳуқуқ ва ҷуръати чунин сухан гуфтан дошта бошад!».

Асадулло Ҳабиб дар ҳамин лаҳзаҳо ба қаҳрамони худ имкон медиҳад, ки ҳеҷ набошад вай бо ягон навъе эътироз кунад, вале боз ҳақиқат даъвои худро дорад, яъне

Ойдин барин бадбахтҳо ҳатто дар ҷустуҷӯи марг ҳам мустақилонаю озодона ҳақ надоранд. Пас аз он ки Ойдин ногоҳ ашкрезиро қатъ мекунад, гумон меравад, ки ӯ боҷуръатона азми иҷрои кадом як кори ҷиддие дорад, ки он, албатта ҷустуҷӯи марг нест. Вале боз ҳам ҳамон чизе, ки гӯё аз азал барояш муайян шудааст, ҳамон ғалаба мекунад ва духтар боз болшикаставу пажмурда мешавад.

Ҳадафи нависанда дар ҳолатҳои гуногун амал, қаҳрамонӣ ва ё беамалию нотавонии қаҳрамонро нишон додан аст. Ин ҷо чун оҷизӣ бартарӣ дорад, беҷуръатию сарфарории Ойдинро адиб дигарбора ба ёд наоварда, як муддати муайяни дар гирдоби пурдаҳшат гирифтор шудани ӯро бо он ҷамъбаст мекунад, ки «Офтоб, акнун мисли пештар он қадар сӯзон набуда, ба уфуқ наздик мешуд. Нурҳои шикастаи ӯ аз байни шохҳои дарахтон бо оҳистагӣ мегузаштанд. Гӯё бо чанги тиллоранги болои деворҳо хайрухуш мекарданд. Ҳамин тавр, паҳлавони пиршуда дар майдони набард мағлубиятро эҳсос намуда, иродаи ҷанговариро гум мекард ва ӯ дар бораи наздик шудани поёни мубориза андеша карда, танҳо вақтро кашол медоду халос». Ҳамаи ин чист? Поёни набарди Ойдин? Ё поёни умри акнун оғозёфта ва ё ҳар ду? Дар ҳар сурат офтоби ба уфуқ наздикшуда нишонаи фарорасии чизе нест, ки хунта оварда тавонад.

Ойдин худро дар хама гуна бадбахтиҳо ва ғаму андуҳи ба сари падар ва умуман ба ин оила омада, гунаҳгор меҳисобад. Қалби дар ҳамин синну сол ба ҷое, ба орзуе ва ба як зарра осудагие норасидаи ӯ аллакай садҳо офат дида як лаҳза оромиро намедонад. Ҳеҷ гуна роҳи халосиро намебинад ва боз дар андешаи он мешавад, ки чаро дар ин дунё омадааст. Он чи аз падар шунида буд, ҳарчанд аз талхии қисмати ӯ хабар диҳад ҳам, дар назди он чизе, ки баъдтар рӯй додаст, андак буд. Дар ҳар сурат Ойдин дар паноҳи падар буд ва бо ҳама хислати баду некаш падар барояш метавонист ӯро ҳифз кунад, аз маломатҳо эмин нигоҳ дорад. Нависанда, дигар бе ягон шарҳе хонандаро дар лаҳзаи дигар шоҳиди марги падари Ойдин мекунад. Баъди дафни падари Ойдин васиятномаи ӯро дар назди мардум қироат мекунанд. Маълум мешавад, ки мӯйсафед духтарашро ба Сулаймон доданӣ будааст ва васият кардааст, ки ҳатман Ойдин розӣ шавад. Аҳли деҳа ин гуна ният доштани мӯйсафедро фаҳмида, ӯро тарафдорӣ мекунанд ва чун пештар маҳкум намекунанд. Духтар ҳам ба хотири нороҳат накардани арвоҳи падар омода аст ин фармудаи падарро ба ҷо орад. Лекин васияти мӯйсафед як тараф, дар дил чӣ орзу доштани духтар дар тарафи дигар ва новобаста ба хоҳиши ин ду нафар бесарпаноҳию нодорию оҷизӣ аз ҷое ба пеш меояд, ки рӯзгори тиран духтарро даҳчанд тиратар мекунад. Аввал борҳо судя модари духтарро даъват намуда, мефаҳмонад, ки Наимбой нисбат ба онҳо шикоят дорад ва онҳо аз Наим қарздоранд. Дар охир мегӯяд, ки ягона роҳи ҳалли ин шикоят ин аст, ки Ойдин зани Наим шавад, он гоҳ аз қарз халос мешаванд.

Ин лаҳзаҳо ва дар ҳамин ҳолат мондани Ойдин тавре тасвир ёфтааст, ки андешаҳои Ойдинро фаҳмида ба қаҳрамонии як зани оҷиз дар имконияте, ки дорад ва агар дақиқтар карда гӯем, надорад, тахмин мекунем, ки аз ин беш намешавад:

«Тайи як ҳафта ҳар рӯз як дафъа Ойдин ва модараш дар офтоби сӯзон пойи пиёда аз деҳа ба шаҳр бо роҳи пурчанг мерафтанду боз бармегаштанд. Дар охир ба Ойдин гуфта шуд, ки ба Наим ба шавҳар бараояд. Инро шунида вай қасамхӯрон бо нафрат мегуфт, ки аз ба ҳамин бойи паст ба шавҳар баромадан, ба ягон саги пӯстканда расидан беҳтар аст». Ойдин дар ин ҳолат чунон қавист, ки агар Наим ба суд Бобо Дарвешро намефиристоду худаш меомад, аз ҳеҷ чиз натарсида худаш ӯро дашномҳои қабеҳ дода шарманда мекард. Бо ин амал ҳам дили худро холӣ мекарду ҳам рӯҳи падарро шод менамуд. Лекин маълум аст, ки бо ҳама ҷасуриаш ӯ мушти пар аст. Пушту паноҳе надорад, азбаски аз Наимбой қарздоранд, ноилоҷ модару духтар ба тақдир бояд тан диҳанд. Маълум аст, ки барои қасос гирифтан оҷизанд. Пас аз як ҳафта аз танҳо мондани духтари нотавон истифода бурдани Наим ӯро бешараф мекунад. Духтару модар ин бешарафиро чун доруи талхе маҷбуранд фурӯ баранду ба касе чизе нагуфта, ба тақдир сар фаровардаву хомӯш розӣ шаванд: «Беиззатии марговарро хомӯш ба сар гирифта, Ойдини азияткашида тақдири худро ба ихтиёри Наим дод, ки акнун шавҳари ӯ ҳисоб мешавад. Шоҳидҳо низ пайдо шуданд - ду

мусулмони соҳибэҳтиром». Ин ҳамон ҳақиқати талхест, ки дар ҳар қадам дар муомилаи зӯрону пайсадорони беномус бо нотавонҳо равшан аён мешавад ва гуфтанаш барои адиби инсондӯст боз талхтар аст, вале ногуфтанаш боз зиёдтар алам дорад. Ойдин медонад, ки зани Наим шудан зарбаи сахтест барои Сулаймон. Рӯзе вақте, занҳои оилаи Наим ба зиёрати мазори ким-кадом шахси муқаддасе мерафтанд, Ойдин ҳис мекунад, ки касе, шояд Сулаймон бошад, аз пушташ омада истодааст ва худи ҳозир мавқеъ ёфта ӯро корд зада мекушад: «Фикри наздик будани марг барои Ойдин ин қадар хуш буд, ки вай ҳамон лаҳза мехост мавҷудияти атрофиёнро эҳсос накунад. Роҷеъ ба гузашта на фикр кунаду на ба ёд орад. Азият накашад, ба қароре наояд, ғизо нахӯрад, хоб наравад. Ҳамаи ин аҷаб роҳате! Тезтар, ҳар чӣ тезтар аз олами одамон рафтан»!

Вақте чунин андешаи қаҳрамони асар тасвир мешавад, тахмин кардан душвор нест, ки чи холате Ойдинро фаро гирифтааст. Ойдин роҳату лаззатро дар зистан не, балки дар мурдан, дар марге, ки ӯро аз ҳама касу аз ҳама чиз озод мекунад, дар он мебинад. Ҳар чи бештар ба ҳамин давраи кӯтоҳи зиндагии Ойдин якҷоя бо адиб шинос мешавем, ҳамон қадар пеши назар дигар шудани симои духтар равшан мешавад. Ин бошад дар навбати худ қувваю қудрати қалами адиби реалистро дар чараёни бе таваққуф нерӯ гирифтан нишон медиҳад. Барои Асадулло Ҳабиб барин адиби соҳибистеъдод ва ҳар навъ зиндагии табақаҳои гуногуни мардум огоҳ мушкил нест, қаҳрамони дар гуфтору амал бемислро бо сифатҳои олӣ тасвир намояд. Вале, аз ҷониби дигар ӯ огоҳ аст, ки вақти тасвири қаҳрамони идеалӣ, афсонавӣ, гайризаминӣ нест, балки вақти тасвири қаҳрамонии ашхоси оддӣ аст. Аз тасвири ин гуна образҳо ҳам худи адиб дар қаноат асту ҳам ёфтани роҳ то ба қалби хонандаи маъмулӣ, вале мазмунфаҳму ба чӣ ниёзманд осону имконпазир аст.

Ойдин зуд худро ба дасти марг супориданист, вале марг ҳанӯзам наздик наомадааст. Марг ба Ойдин фурсат медиҳад, ки боз каме нимсеру нимшод бошад ҳам, зиндагӣ кунад. Рашид ба Ойдин қасди ҷони Наим карданро мегӯяд. Шаб дар куҷо хоб рафтанашро аз Ойдин мефаҳмад. Ойдини сода кампири Хайриро ба худ наздик шумурда ин розро ба ӯ мегӯяд. Кампир Наимро огоҳ мекунад, ки шаб ба ҷонаш қасд мекунанд. Чун Наим аз ҳамаи ин бохабар мешавад, ҷои хобро дигар ва посбонҳоро ба ҳушёрӣ даъват мекунад. Қасдгирҳо шаб меоянд, аммо Наимро дар ҷои хобаш намеёбанд, фақат бо ак-аки сагҳо ҳама бедор мешаванду халос. Ҳамин тариқ, қасдгирҳо муваффақ намешаванд ва Наим худ мегӯяд, ки шабона ба хонааш дуздон не, балки ошиқони Ойдин омада буданд. Бо ин баҳона Ойдинро талоқ карда, ҳамроҳи модараш аз хона пеш мекунад. Бо маслиҳати Рашид Сулаймон Ойдинро ба занӣ мегирад.

Хонаи Ойдинро Наим бар ивази қарзаш гирифта, аллакай фурӯхта буд. Сулаймон хона надошт. Боз хам бо мадади Рашид Ойдин, Сулаймон ва модари Ойдин ба як кулбаи вайроншуда, ки аз Рашид буд, ҷой мегиранд ва дар холати бечорагию нодорӣ зиндагӣ шуруъ мекунанд. Ҳамин тариқ, чунин менамояд, ки қаҳрамони асар Ойдин акнун аз азиятҳо озод шудаасту дигар чизе ӯро таҳдид намекунад. Фақат нодорӣ аст, ки ӯ ба он қайҳо одат кардааст. Дар кулбаи нав як лаҳза зиндагии се бадқисмат ин тавр тасвир шудааст: «Бегоҳиҳо ҳар се - Сулаймон ва Ойдину модараш - дар назди дастархони оддӣ, ки рӯи замин паҳн мекарданд, барои хӯдани ғизои шом менишастанд Сулаймон бо мушкилӣ барои фурӯ бурдаи нони хушкшудаи сиёҳи ҷавин лабҳои аз кори вазнин мисли резини сиёҳ сахтшудаашро мекушод. Дар як кунди хонача як порча намат партофта шуда буд, дар болои он ду кас ба зӯр ҷой гирифта метавонист. Дар назди он як буғчаи кӯрпаҳои дарида буд. Дар токчаи девор чароги пилтагӣ ранги хираеро ба атроф паҳн мекард. Онҳо аз ин зиндагиашон розӣ буданд».

Дар давоми қисса боз мебинем, ки Асадулло Ҳабиб, гарчанде раҳмдилӣ намудан хоҳад ҳам, онро имкон нест ба ҷо орад. Ӯ боз ҳам хилофи воқеият амал карда наметавонад, Озодию хушбахтии ночизи Ойдин тӯлонӣ нест. Шояд, такдир ҳатто ҳамин қадар рӯзии ночизро низ барои ӯ зиёд ҳисоб мекунад. Хушиҳои ночизи Ойдин то рӯзи таваллуди кӯдак идома меёбаду халос. Бо фитнагарии Наим охирин марҳилаи

бадбахтӣ барои Ойдин пеш меояд ва ба умри пурдаҳшату пурмаломати ӯ поён мегузорад. Ойдин бевосита аз дасти касе ҷон медиҳад, ки чун модар ҳисобаш мекард. Вақте ки адиб боз офтобро ёд мекунад ва мегӯяд, ки «офтоб рӯ ба тарафи ғарб оварда буд», тахмин кардан душвор нест, ки зиндагии Ойдин низ рӯ ба манзили охирин овардааст.

Образи Ойдин танҳо образи як духтар ё зани ҷудогона нест. Онро Асадулло Ҳабиб тавре наофаридааст, ки гӯё истисно гӯем. Ин образи садҳо занони Афғонистон мебошад, ки ҳатто барои бо майли худ мурдан ҳақ надоранд. Тақдири онҳоро сарватмандони доҳил ҳал мекунанд. Онҳо гӯё бозичае мебошанд, ки барои як лаҳза бозӣ кардан лозиманду халос.

Онҳоро беадабона бозӣ кардан мумкин, шикастан мумкин, беиззат кардан мумкин ва ниҳоят бепарвоёна несту нобуд кардан мумкин. Барои иҷрои ҳамаи ин бозиҳо на монеаи ҷисмонӣ ҳасту на монеаи виҷдонию на монеаи ҳуқуқӣ. Агар ягон навъи ин монеаҳо мабодо дар ягон шакле вуҷуд дошта бошад, он ҳам танҳо барои он, ки ҳаст гӯянд, на барои он, ки одилона татбиқ шавад. Образи Ойдин бо ҳамаи он беқудратие, ки тасвир шудааст, образи хотирмон аст. Баробари он ки ба тақдири талхи ин духтари ғуррамарг раҳм меояд, пеши назар масъалаҳои беадолатӣ ва беэътиборӣ нисбат ба инсони кӯчак пайдо мешаванд ва эҳсоси нав чун раҳм намоён гашта ба нафрат табдил меёбад. Албатта, ин нафрат нисбат ба онҳоест, ки бешарафона беадолатиро касб кардаанд, Ойдин барин садҳо духтаронро ба тирарӯзӣ ё ба коми марг фиристондаанд.


**Адабиёт**

1. Асадулло Ҳабиб. Сапедандом. Кобул, 1965
2. Асозода Х. Становление крупных жанров. Душанбе, 1993, с. 126.
3. Киселёва Л. Н. Асадулла Хабиб. Асадулла Ҳабиб. Айдин. М., 1974
4. Равшан Раҳмонӣ. Фарёди бесадо. Душанбе, 2011, с.71.


**ВАХОБОВА Н.**

## ОБРАЗИ ОЙДИН ДАР ПОВЕСТИ «САПЕДАНДОМ» (БЕЛОЛИКАЯ)-И АСАДУЛЛО ҲАБИБ

Асадулло Хабиб (род. 1942) - видный представитель дариязычной литературы Афганистана. У себя на родине и зарубежом он известен как крупный поэт, писатель и ученый. В своих прозаических произведениях он освешая важнейшие социально - политические проблемы современного Афганистана, смело зашишает представителей бедных слоев населения. Повесть «Белоликая» является первым крупным прозаическом произведением писателя.

**Ключевые слова:** Асадулло Хабиб, Афганистан, дариязычная, Айдин, образ, белоликая, деревня, Наим, обездоленный, неспреведливость, реализм, смерть, природа.

**VAHOBOVA N.**

## IMAGE OF AIDIN IN THE “WHITE FACED» NOVEL OF ASADULLO HABIB

Asadullo Habib (born in 1942) - the prominent representative of dari language literature of Afganistan.In the motherland and abroad he is known as famous poet, writer and scientist. In his proses he bravely protects poor people of his country highlighting the important socio-political issues.The “whitey”is the first significant prose work of the writer. In this article AsadulloHabibis being considered as writer-realist on the example of Aidin character.

**Key words:** Asadullo Habib, Afganistan, dari language, Aidin, whitey, village, Naim, bereaved, injustice, realism, death, nature.